15-уми октбяр дар Донишгохи Истанбули Туркия Конфронси байналмилалӣ дар мавзӯи «Зарурати муборизаи муштарак бар зидди ташкилотхои террористӣ» баргузор гардид. Дар Конфронси мазкур раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Точикистон Саидмукаррам Абдукодирзода, муовини аввали муфтии шахри Истанбул Вейсел Ишилдар, муфтии нохияи Фатихи шахри Истанбул Вехап Капичиоглу, ректори Донишгохи Истанбул профессор Махмут Ак ва раиси Анчумани точикон дар Туркия Зафар Максудов иштирок ва суханронӣ намуданд.

Раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Чумхурии Точикистон Саидмукаррам Абдукодирзода зимни суханронӣ оид ба пайдоиши ташкилоти террористӣ-экстремистии хизби нахзат дар худуди Чумхурии Точикистон накл карда, зикр намуд, ки тамоми рӯхониёни машхури точик хамон солхо таъсиси хизби нахзати исломиро кабул надоштанд, онро дастгох ва манбаи идеологияи ахли ташайюъ дониста, фаъолияташро зараровар, гайри кобили кабул ва мукобил ба суботу оромии мамлакат хисобида буданд. Аммо рохбарони нахзат иродаи мардуми мусулмон ва рӯхониёни мазхабиро сарфи назар карда, тавассути таблиготи идеологӣ ва дастгирии молиявии хочагони хоричии худ чаласаи худро баргузор карда, ба хаёти сиёсии мамлакат ворид шуданд ва дар муддати кӯтохтарин оташи чанги шахрвандиро афрӯхтанд. Чанге, ки панч сол давом карда, боиси кушта шудани даххо хазор сокинони осоишта, гуреза шудани садхо хазор ахолии мамлакат, харобу валангор шудани шахру дехоти Точикистон гашт. Ба хотири расидан ба сулх рохбарияти олии мамлакат ба фаъолияти осоиштаи хизби нахзат розигӣ доданд. Аммо нахзатиён аз содир кардани чиноятхои сангини террористӣ даст накашиданд. Бо супориш ва маблаггузории рохбари фирории ташкилоти террористӣ-экстремистии нахзати исломӣ 4 сентябри соли 2015 дар Чумхурии Точикистон аз чониби аъзои фаъол ва рохбарикунандаи хизби мазкур кӯшиши табаддулоти харбӣ сурат гирифт. Дар натича чавонони бо нангу номус ва мусалмони точик, ки максади дифоъ аз Ватану миллати худро доштанд, аз силохи террористони нахзатӣ кушта шуданд. Чумхурии бародари Туркия низ чунин табаддулоти давлатиро 15 июли соли 2016 аз сар гузаронид ва шохиди кушта шудани садхо нафар шахрвандони бегунох шуд. Аз ин бармеояд, ки хамаи ташкилотхои террористӣ аз усули умумӣ – зӯроварӣ ва истифодаи силоху террор

истифода мебаранд ва фарки зиёд байни онхо дида намешавад. Бинобар хамин имрӯз зарурати мубориза муштарак ба мукобили онхо пеш омадааст. Саидмукаррам Абдукодирзода дар Конфронс чунин гуфт: «Дар хакки чунин афрод Паёмбари Худо Хазрати Мухаммад (с) фармудаанд: «Он ки бар мо силох кашад, аз мо нест ва он ки ба мо хиёнат кунад, аз мо нест!».
Дар хотимаи суханронии худ раиси Шӯрои уламои Маркази исломии Чумхурии Точикистон барои ихрочи аъзои фаъоли созмони террористии нахзат аз худуди Чумхурии Туркия ба макомоти марбутаи ин кишвар изхори миннатдорӣ намуда, таъкид кард, ки хатари хизби нахзат аз созмонхои террористии «ДОИШ» ва «Ал-Койида» кам нест.

Дар идомаи Конфронс муовини муфтии шахри Истанбул Вейсел Ишилдар, муфтии нохияи Фатихи шахри Истанбул Вехап Капичиоглу, ректори Донишгохи Истанбул профессор Махмут Ак ва раиси анчумани точикон дар Туркия ба сухан баромада, вобаста ба хатари нахзат дар чомеаи имрӯза изхор назар намуданд.

Дар хошияи Конфронси мазкур мулокоти Саидмукаррам Абдукодирзода бо ректори Донишгохи Истанбул профессор Махмут Ак баргузор гардид. Дар рафти мулокот чонибхо табаддулоти созмонхои террористӣ (нахзат ва созмони Фатхулох Гюлен)-ро дар кишвархои хеш махкум намуда, таъкид карданд, ки террорист давлат, дин, миллат ва мазхаб надорад. Ректори донишгохи Истанбул таъкид намуд, ки барои хаводорони ташкилоти террористии нахзат дар Туркия, бахусус Донишгохи Истанбул чой нест. Хамсухбат тазаккур дод, ки чихати пешгирии амалхои душманони нахзат ӯ дар чаласаи навбатии Шӯрои олимони Туркия пешниход менамояд, ки бо макомоти дахлдори Чумхурии Точикистон хамкории зарурӣро ба рох монда, дар сурати пайдо шудани тарафдорони нахзат онхоро аз тамоми донишгоххо ва муассисахои таълимӣ хорич намоянд.

Дар рафти Конфронс мухокима ва саволу чавоб миёни донишчӯён, рӯзноманигорон ва маърӯзачиён сурат гирифт.

Дар Конфронси байналмилалӣ дар баробари донишчӯёни точик донишчӯёни турк, ӯзбек, казок, киргиз, афгон ва намояндагони дигар миллатхо, ки дар кухантарин ва маъруфтарин мактаби олии Туркия – Донишгохи Истанбул тахсил менамоянд, ширкат варзида, амали созмонхои террористӣ, ба монанди нахзатро махкум намуданд.

Акрам САНГЗОДА